# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси: 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология.**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати раиси комиссия - д.и.т. дотсент Тиллоев С.С., аъзоёни комиссия: д.и.т Қобилова Б., н.и.т. дотсент Сайнаков С., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 27.03.2025 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропологияро баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровард:

**1.Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи таҳқиқот ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти имрӯзаи ноҳияи Данғара бахшида шудааст.

Тоҷикистон, ки дорои шароиту табиати гуногун мебошад, вобаста ба ин, ҳар як минтақаи он, аз ҷумла минтақаи Кӯлоб фарогири фарҳангу анъана, иду маросим ва суннатҳои ба худ хос аст, аммо оид ба минтақаи Кӯлоб, хусусан ноҳияи Данғара дар мавзуи расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар илми таърихнигории ватанӣ ба қадри кофӣ ва дар сатҳи зарурӣ ҳанӯз таҳқиқоти илмӣ анҷом наёфтааст. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва таҳқиқи он дар шароити имрӯза барои доираҳои илмӣ ва махсусан илми мардумшиносӣ аҳаммияти махсус дорад.

**2. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ, маълумотҳои этнографӣ ва осори фолклорӣ, инчунин мушоҳида ва суҳбатҳои мустақимро ба расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб, хусусан ноҳияи Данғараро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, дурустии масъалаҳои таҳқиқшавандаро мушаххас карда, маълумоти тоза дарёфташударо ба доираи илмӣ ворид намудааст.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи рисола иҷрои чунин вазифаҳоро зарур шуморидааст.

-дар асоси адабиёти ҷуғрофӣ ва таърихӣ муайян намудани масоили ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳияи Данғар;

-омӯзиши анъанаи ҷашни Наврӯз дар Данғара дар давраҳои шуравӣ ва истиқлолият;

-таҳлили маросими хонадоршавӣ дар Данғара;

-муайян намулани маросими таваллуди кӯдак;

-мушаххас намудани расму анъанаҳои азодорӣ;

-муайян намудани намудҳои варзиш, бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ дар ноҳияи Данғара;

-таҳлили бозиҳои бачагону наврасони ноҳияи Данғара

**3. Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираи илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он ба таҳқиқи баррасии расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии ноҳияи Данғараи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва мадании мардуми ин ноҳия ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Дар он аҳамияти расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар алоҳидагӣ баррасӣ мегардад. Инчунин, расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ ҳамчун омилҳои таъсиргузор ба ҳаёти мардум мавриди омӯзиш қарор ёфта, сифатҳои иҷтимоии сокинони ноҳия дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва робитаи ногусастанӣ доштан бо анъанаю бозиҳои суннатии тоҷикон таҳлил мегардад.

**4. Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии** таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки ин рисола бори аввал мукаммал ва мушаххас дар бораи расму анъана ва бозиҳои мардумие, ки дар байни сокинони ноҳияи Данғара паҳн гардидаанд, маълумоти муфид додааст. Ахбори дақиқ оид ба мардумшиносӣ дар ноҳияи Данғара ва умуман минтақаи Кӯлоб хеле кам дастрасанд ва ин рисола метавонад барои пажӯҳишгарон маводи дилхоҳ пешкаш намояд. Илова бар ин, натиҷаҳое, ки дар ин рисола ба даст оварда шудаанд, метавонад барои иҷрои таҳқиқотҳои мардумшиносии дигар минтақаҳои Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, мавод ва хулосаҳои онро метавон дар аснои навиштан ва омода намудани дастуру воситаҳои гуногуни таълимӣ дар бахшҳои мардумшиносии фанҳои таъриху география, этика, эстетика ва фарҳангшиносӣ мавриди истифода қарор дод.

**5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ба назар мерасад, ки муаллифи диссертатсия дар истифодаи маводи зиёди бойгонишуда ҳамчун сарчашмаи муътамад мустақиман ширкат варзидааст.Тамоми зинаҳои таҳқиқот бобати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда аз ҷониби муаллиф гузаронда шудааст. Аз ҷумла: таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ, мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти оморӣ, коркарди самтҳои асосии такмилдиҳии таҳлил, усулҳои баҳодиҳӣ саҳми худро гузоштааст. Хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, дар асоси онҳо мақолаҳои илмӣ омода нумуда, рӯйи чоп овардааст.

6. Диссертатсия тибқи талаботи банди 51 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ буда, дар шуъбаи Мардумшиносӣ, этнология ва антропологияи Института таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи

А. Дониши АМИТ иҷро гардидааст. Диссертатсия дар шуъбаи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ тавсия дода шудааст.

7. Хулоса дар ҷаласаи шуъбаҳои мардумшиносӣ, этнология ва антропологияи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

8. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои муҳим дар соҳаи таърихи ватанӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

9. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси: 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2021, №349 ҳуқуқи қабул ва баррасии диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марта соли 2025, №4 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

10. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот 14 мақолаи илмӣ, аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

11. Дар диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Асолати матни диссертатсия 91,44% аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият дароварда шуданд.

12. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Салимзода Ф.Ф. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология баррасӣ намуда, дар асоси талаботи банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267)

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Қаҳҳор Расулиён - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Сафаров Холмад - номзади илмҳои таърих, Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров” тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсоли он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, дотсент — Тиллоев С.С.
**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих — Қобилова Б.
номзади илми таърих, дотсент — Сайнаков С.

«16» 10 с. 2025

ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО